*«Маориф ва маданият»,*
*5 сентябри 1964, с. 3.*

# «ГАНҶИНАИ ҶОМӢ»

Чанде пештар дар асоси шуъбаи дастхатҳои шарқии китобхонаи университет кабинети забону адабиёти тоҷик бунёд ёфта буд, ки он ба муаллимон, донишҷуёни шӯъбаҳои филологияи тоҷик, форсу араб ва журналистика хизмат мекунад.

Ин кабинет ба ганҷинаи пурбаҳои илмӣ табдил ёфтааст. Ин, бешубҳа, дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди устодони дилсӯзи забону адабиёт профессор Ш. Ҳусейнзода, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон С. Табаров, профессор Д. Тоҷиев, досент Ҳ. Каримов ва ба туфайли ёриву дастгириҳои маъмурияти факултету университет ба даст омад.

Дар рӯзҳои ҷашни 550-солагии таваллуди Абдураҳмони Ҷомӣ ба кабинет номи ин шоири хирадманди тоҷику форс дода шуд. Студентон ин махзани донишро ҳаққонӣ «Ганҷинаи Ҷомӣ» меноманд.

Дар «Ганҷинаи Ҷомӣ» даҳҳо дастхатҳои асарҳои бузургони илму адаби давраҳои гузашта гирд оварда шудаанд, ки онҳо ба илмҳои таърих, фалсафа, нуҷум, тиб, табиатшиносӣ, адабиёт ва ғайра бахшида шудаанд. Ин дастхатҳо пурбаҳотарин ёдгориҳои маънавию илмии халқамон мебошанд ва онҳоро эҳтиёт кардан, омӯхтан, дониш ҳосил намудан ва тавассути онҳо таърихи илму адабро барқарор сохтан орзуи ҳар донишҷу ва пешаи ҳар муҳаққиқ аст.

Ба туфайли ғамхориҳои роҳбарияти университет ва ҳукумати республика шумораи дастхатҳои ноёб ва асарҳои чопии нодир торафт афзуда истодааст.

Дастхатҳои ганҷина на танҳо воситаи муҳимми таълиму тадриси шогирдони факултети филологианд, балки онҳо барои корҳои илмӣ-тадқиқотии муаллимону аспирантҳо низ аҳамияти зиёде доранд.

Дар ганҷина ба ҷуз дастхатҳои асарҳои бузургони гузашта боз китобҳои нашрии чопи сангӣ ва ҷадид, умуман асарҳо доир ба таърихи забону адабиёти тоҷик, ки дар муассисаҳои чопии советию хориҷӣ ба табъ расидаанд, ҷамъ карда шудаанд.

«Ганҷинаи Ҷомӣ» дорои қироатхонаи нағзу зебое мебошад, ки онро як навъ «музеи адабиёт» номидан мумкин аст. Қироатхона бо лавҳа, тасвир,

портрет, нақшаву харитаҳо ҷиҳозонида шудааст. Ҳар кас, ки ба қироатхона медарояд, агар ба давродаври хона бомулоҳиза нигарад, доир ба таърихи забону адабиёт ва умуман тамаддуни тоҷик тасаввуроте пайдо карда метавонад.

Мувофиқи шаҳодати таърих тоҷикон хатту адабиёти ниҳоят бостонӣ доранд. Асбобҳои намоиши қироатхона низ аз хату алифбоҳои халқи мо оғоз меёбанд. Шумо дар ин ҷо бо намунаҳои хатҳои авестоӣ, меҳӣ, арамеӣ, суғдӣ шинос шуда метавонед. Маълум аст, ки ин хатҳо дар таърихи тамаддуни халқҳои эронинажод, аз ҷумла тоҷикон, мавқеи муҳимме бозидаанд. Ҳоло ба ин хатҳо бузургтарин  ёдгорҳои мадании адабӣ ва таърихӣ, монанди «Авесто», навиштаҳои Доро, «Корномаи Ардашер», хуҷҷатҳои Деваштич ва ғайра ба мо дастрасанд. Дар қироатхона намунаҳои мухталифи хати арабӣ намоиш дода шудаанд.

Намоиши тасвирҳои тамаддуни халқ, ки аксаран дар натиҷаи ҷустуҷуҳои бостоншиносон ёфт шудаанд, ҷои калонро ишғол менамоянд, зеро онҳо барои донистани гузаштаи мардум аҳамияти фавкулодда зиёде доранд.Хонандагон дар қироатхона бо суратҳои калони бузургони олами илму адаб Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ибни Сино, Меҳсатихонум, Низомӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ, Навоӣ, Ҳотифӣ, Беҳзод, Восифӣ, Сайидо, Бедил, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Лоҳутӣ ва дигарон, бо тарҷимаи ҳоли мухтасари онҳо, бо рӯйхати осор ва намунаи эҷодиёташон шинос мешаванд.

Маълум, ки ба омузиши таърихи тамаддуни халқи мо донишмандони миллатҳои гуногуни дунё даст зада, асарҳои зиёде интишор додаанд. Бинобар ин, сурат ва маълумотномаи тарҷимаиҳолии чунин олимони забардаст, ба монанди Шиблии Нъмонӣ (Ҳиндустон), Саид Нафисӣ (Эрон), Ян Рипка (Чехословакия), В.В. Бартольд, А.А. Семёнов, Е.Э. Бертельс (Россия) ва дигарон ба қироатхона зеби махсусе додаанд.

Хонандагон оид ба адабиёти советии тоҷик, равобити адабӣ, фолклор ва адабиётшиносони машҳури тоҷик низ тасаввуроти равшан хосил карда метавонанд.

«Ганҷинаи Ҷомӣ» на танҳо макони донишомузии студентон ва ҷои тадқиқотии муаллимон мебошад, балки аз он бисёр зиёиёни пойтахтамон, махсусан ходимони илмии Академияи илмҳои республика низ баҳрамананд.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ, ходими калони илмии «Ганҷинаи Ҷомӣ» (1964).**

# «ГАНҶИНАИ ҶОМӢ»

Чанде пештар дар асоси шӯъбаи дастхатҳои шарқии китобхонаи университет кабинети забону адабиёти тоҷик бунёд ёфта буд, ки он ба муаллимон, донишҷӯёни шӯъбаҳои филологияи тоҷик, форсу араб ва журналистика хизмат мекунад.

Ин кабинет ба ганҷинаи пурбаҳои илмӣ табдил ёфтааст. Ин, бешубҳа, дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди устодони дилсӯзи забону адабиёт — профессор Ш. Ҳусейнзода, аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон С. Табаров, профессор Д. Тоҷиев, доцент Ҳ. Каримов ва ба туфайли ёриву дастгириҳои маъмурияти факультету университет ба даст омад.

Дар рӯзҳои ҷашни 550-солагии таваллуди Абдураҳмони Ҷомӣ ба кабинет номи ин шоири хирадманди тоҷику форс дода шуд. Студентон ин махзани донишро ҳаққонӣ «Ганҷинаи Ҷомӣ» меноманд.

Дар «Ганҷинаи Ҷомӣ» даҳҳо дастхатҳои асарҳои бузургони илму адаби давраҳои гузашта гирд оварда шудаанд, ки онҳо ба илмҳои таърих, фалсафа, нуҷум, тиб, табиатшиносӣ, адабиёт ва ғайра бахшида

шудаанд. Ин дастхатҳо пурбаҳотарин ёдгориҳои маънавию илмии халқамон мебошанд ва онҳоро эҳтиёт кардан, омӯхтан, дониш ҳосил намудан ва ба тавассути онҳо таърихи илму адабро барқарор сохтан орзуи ҳар донишҷӯ ва пешаи ҳар муҳаққиқ аст.

Ба туфайли ғамхориҳои роҳбарияти университет ва ҳукумати республика шумораи дастхатҳои ноёб ва асарҳои чопии нодир торафт афзуда истодааст. Дастхатҳои ганҷина на танҳо воситаи муҳимми таълиму тадриси шогирдони факультети филологианд, балки онҳо барои корҳои илмӣ-тадқиқотии муаллимону аспирантҳо низ аҳамияти зиёде доранд.

Дар ганҷина ба ҷуз дастхатҳои асарҳои бузургони гузашта боз китобҳои нашрии чопи сангӣ ва ҷадид, умуман асарҳо доир ба таърихи забону адабиёти тоҷик, ки дар муассисаҳои чопии советию хори-

чӣ ба табъ расидаанд, ҷамъ карда шудаанд.

«Ганҷинаи Ҷомӣ» дорои қироатхонаи нағзу зебое мебошад, ки онро як навъ «музеи адабиёт» номидан мумкин аст. Қироатхона бо лавҳа, тасвир, портрет, нақшаву харитаҳо ҷиҳозонида шудааст. Ҳар кас, ки ба қироатхона медарояд, агар ба давродаври хона бомулоҳиза нигарад, доир ба таърихи забону адабиёт ва умуман тамаддуни тоҷик тасаввуроте пайдо карда метавонад.

Мувофиқи шаҳодати таърих тоҷикон хатту адабиёти ниҳоят бостонӣ доранд. Асбобҳои намоиши қироатхона низ аз хату алифбоҳои халқи мо оғоз меёбанд. Шумо дар ин ҷо бо намунаҳои хатҳои авестой, меҳӣ, арамей, суғдӣ шинос шуда метавонед. Маълум аст, ки ин хатҳо дар таърихи тамаддуни халқҳои эронинажод, аз ҷумла тоҷикон, мавқеи муҳимме бозидаанд. Ҳоло ба туфайли ин хатҳо бузургтарин ёдгори-

хои маданий адабӣ ва таърихӣ, монанди «Авесто», навиштаҳои Доро, «Корномаи Ардашер», ҳуҷҷатҳои Деваштич ва ғайра ба мо дастрасанд. Дар қироатхона намунаҳои мухталифи хати арабӣ намоиш дода шудаанд.

Намоиши тасвирҳои тамаддуни халқ, ки аксаран дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои бостоншиносон ёфт шудаанд, ҷои калонеро ишғол менамоянд, зеро онҳо барои донистани гузаштаи мардум аҳамияти фавқулодда зиёде доранд.

Хонандагон дар қироатхона бо суратҳои калони бузургони олами илму адаб — Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ибни Сино, Меҳсатихонум, Низомӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ Навоӣ, Ҳотифӣ, Беҳзод, Восифӣ, Сайидо, Бедил, Аҳмади Дониш, Айнӣ, Лоҳутӣ ва дигарон, бо тарҷимаи ҳоли мухтасари онҳо, бо рӯйхати осор ва намунаи эҷодиёташон шинос мешаванд.

Маълум, ки ба омӯзиши таърихи тамаддуни халқи мо донишмандони миллатҳои гуногуни дуньё даст зада, асарҳои зиёде интишор додаанд. Бинобар ин, сурат ва маълумотномаи тарҷимаиҳолии чунин олимони забардаст, ба монанди Шибли Нӯъмонӣ (Ҳиндустон), Саид Нафисӣ (Эрон), Ян Рипка (Чехословакия), В. В. Бартольд, А. А. Семёнов, Е. Э. Бертельс (Россия) ва дигарон ба қироатхона зеби махсусе додаанд.

Хонандагон оид ба адабиёти советии тоҷик, равобити адабӣ, фольклор ва адабиётшиносони машҳури тоҷик низ тасаввуроти равшан ҳосил карда метавонанд.

«Ганҷинаи Ҷомӣ» на танҳо макони донишомӯзии студентон ва ҷои тадқиқотии муаллимон мебошад, балки аз он бисьёр зиёиёни пойтахтамон, махсусан ходимони илмии Академияи илмҳои республика низ баҳрамананд.

Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,
ходими калони илмии
«Ганҷинаи Ҷомӣ».